«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Директори Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ, доктори илмҳои филологӣ,
________________Шарифзода Ф.
«_____» ________с.2024.

**Тақризи**

**муассисаи пешбар ба рисолаи диссертатсионии Зоиров Ҳалимҷон Зоҳидҷонович дар мавзуи «Айнулқузоти Ҳамадонӣ ва ҷойгоҳи “Номаҳо”-и ӯ дар насри форсу тоҷики асри XII» (таҳқиқи вижагиҳои адабиву услубӣ, матншиносӣ ва нусхашиносӣ), ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01. 00 – Адабиётшиносӣ (10.01.08 – Назарияи адабиёт. Матншиносӣ, нусхашиносӣ) пешниҳод гардидааст.**

**Мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба ихтисос ё соҳаи илм.**

Диссертатсияи Зоиров Ҳалимҷон Зоҳидҷонович дар мавзуи «Айнулқузоти Ҳамадонӣ ва ҷойгоҳи “Номаҳо”-и ӯ дар насри форсу тоҷики асри XII» (таҳқиқи вижагиҳои адабиву услубӣ, матншиносӣ ва нусхашиносӣ) ба банди 5-уми бахши “Соҳаҳои таҳқиқот”-и шиносномаи ихтисоси 10.01. 00 – Адабиётшиносӣ (10.01.08 – Назарияи адабиёт. Матншиносӣ, нусхашиносӣ) мутобиқат менамояд.

Абулмаолӣ Абдуллоҳ ибни Муҳаммад ибни Алӣ ибни Ҳасан ибни Алии Миёнаҷӣ, маъруф ба «Айнулқузоти Ҳамадонӣ» (490-525ҳ./1096-1131м.) яке аз суханварони орифи охири асри XI ва ибтидои қарни XII буда, дар адабиётшиносии форсу тоҷик то ҳанӯз “Номаҳо”-и ӯ, ки дар тарвиҷи ойини номанигории форсии тоҷикӣ мақоми шомих дорад, ба таври ҷудогона ва монографӣ омӯхта нашудааст.

Омӯзиш ва таҳқиқи мавзуъи номбурда имкон медиҳад, ки оид ба зиндагинома, мероси илмию адабии мафқуду мавҷуди Айнулқузоти Ҳамадонӣ, муаллифони аслии осори мансуб ба ӯ, ашъори форсию арабии ӯ, вижагиҳои адабиву услубӣ, матншиносию нусхашиносӣ ва ҷойгоҳи «Номаҳо»-и ин суханвари ориф дар таърихи адабиёт, махсусан, насри қарни XII тасаввуроти комил ва возеҳ пайдо шавад. Аз ин дидгоҳ, таҳқиқи чунин мавзуъ барои адабиётшиносӣ, хусусан шарқшиносии имрӯзаи тоҷик зарур буда, унвони мавзуъ дуруст интихоб шудааст ва аз ҳар ҷиҳат мавзуи мубрами илмӣ ва шоистаи таҳқиқ мебошад.

**Саҳми шахсии довталаб дар ҳалли масъалаи илмӣ ё коркарди проблемаи илмӣ бо арзёбии аҳаммияти он.** Тартиб ва сохтори умумии

диссертатсия, мубрамӣ ва зарурати таҳқиқ, дараҷаи омӯзиши он, ҳадаф ва вазифаҳои асосии масоили таҳқиқшаванда, мавзуъ, масъалаҳо ва соҳаи таҳқиқот, навовариҳои таҳқиқ ва аҳаммияти назарию амалии он, инчунин, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда ва хулосаю натиҷагириҳои муаллиф саҳм ва нуқтаи назари ӯро нисбат ба мавзуи таҳқиқшаванда инъикос мекунанд. Саҳми шахсии муаллиф, ҳамчунин, дар омӯзиши назариёти донишмандони муосири ватанию хориҷӣ дар робита ба мавзуи баҳси диссертатсия, таҳлилу таҷзия ва муқоисаи онҳо, омода намудани мақолаю маърузаҳо доир ба мавзуи таҳқиқ зоҳир мегардад. Хусусан дар мавзуи диссертатсия таълифи 65 мақола, аз ҷумла 24 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионӣ ва як монография собит менамояд, ки муаллиф дар тӯли 20 соли охир ба таҳқиқи осори Айнулқузоти Ҳамадонӣ пайваста заҳмат кашидааст.

Муносибати методологии муаллиф нисбат ба мавзуи мавриди таҳқиқ нишондиҳандаи саҳми шахсии ӯ дар омӯзиши мавзуъ буда, барои ҳалли илмии масъала замина фароҳам овардааст. Муаллиф дар таҳияи равиши илмии масъалаҳои дар диссертатсия пешниҳоднамуда, корбурди усулҳои таҳқиқи таърихӣ-муқоисавии адабиётшиносӣ, методҳои илмии мушоҳида ва муқоиса, назари объективӣ ба маводи адабӣ, методи таҳлили системавию муназзамро мавриди истифода қарор додааст.

Ҷамъоварии маводи фаровони сарчашмаҳои қадимаи арабӣ ва форсӣ, тарҷума ва баргардони онҳо ба забони тоҷикӣ ва хатти кириллӣ, омӯзиши назарияҳои муҳаққиқони ватаниву хориҷӣ дар робита ба мавзуи баҳси диссертатсия ва муқоисаи онҳо, муайян ва баррасӣ намудани марҳалаҳои ташаккул ва таҳаввул, расм ва одоби номанигорӣ аз давраи пайдоиш то асри XII, бо такя ба осори аслии Айнулқузоти Ҳамадонӣ ва сарчашмаҳои қадиму боэътимод аниқ кардани ном, кунияту лақаб, замони таваллуд ва шаҳодат, мероси илмӣ ва адабии мафқуду мавҷуд ва осори мансуб ба ин суханвари ориф, муаррифӣ ва муайян намудани арзиши нусхаҳои хаттии «Номаҳо»-и Қозии Ҳамадонӣ, ошкор кардани вижагиҳои адабиву услубӣ, мухтассот ва таъсирпазирии «Номаҳо»-и Айнулқузот аз забони арабӣ ва оёту аҳодис, истишҳоди ашъори зиёди форсӣ ва арабии суханварони қарнҳои VII-XII дар «Номаҳо» ва бо такя ба девони ашъори суханварони қарнҳои мазкур муайян намудани муаллифи аслии чанде аз онҳо, муайян сохтани арзиши «Номаҳо»-и Айнулқузоти Ҳамадонӣ дар матншиносӣ, тасҳеҳ ва таҳияи ашъори форсии шуарои асрҳои IX-XII, муайян намудани арзиши «Номаҳо»-и Айнулқузот ҳамчун сарчашмаи адабӣ ва мунҳасир ба фард

дар шинохти аҳвол ва осори чанд тан аз суханварон ва урафои маъруф, муайян кардани истишҳоди ашъори форсӣ ва арабии Айнулқузоти Ҳамадонӣ дар «Номаҳо» саҳми шахсӣ ва бевоситаи муаллифро оид ба мавзуи интихобнамуда инъикос менамояд.

Аз ин рӯ, метавон гуфт, ки диссертатсияи аз ҷониби Зоиров Ҳалимҷон Зоҳидҷонович таълифшуда бо дарназардошти дастабандии мураттаби мавзуоти баррасишаванда, тарҳи мантиқан муназзами бобу зербобҳои диссертатсия ва меҳварҳои аслии барои дифоъ пешниҳодшаванда, густардаву фарогир ва бо равишҳои тозаву дидгоҳҳои нави илмӣ мавриди таҳлилу таҳқиқ ва баррасӣ қарор додани масоили мавриди баҳс, пажуҳишу таҳқиқи муфассали ойини номанигорӣ дар заминаи "Номаҳо"-и Айнулқузоти Ҳамадонӣ қобили арзиш ва шоистаи таҳсин аст.

**Натиҷаҳои мушаххаси илмӣ, ки барои он ба довталаб додани дараҷаи илмии дархостшаванда мумкин аст.** Диссертатсияи Зоиров Ҳалимҷон Зоҳидчонович аз муқаддима, чор боб, 17 фасл, 14 зерфасл, хулоса ва рӯйхати адабиёт иборат буда, 382 саҳифаи чопи компютериро дарбар мегирад.

Дар **муқаддимаи** диссертатсия мубрамии мавзуи таҳқиқ, дараҷаи таҳқиқи мавзуъ баён гардида, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқ мушаххас шудаанд. Дар баробари ин, оид ба объект ва предмети таҳқиқ, асосҳои назариявию методологии таҳқиқ, сарчашмаҳо ва навгониҳои илмӣ, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқ, мутобиқати диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқи мавзуъ, тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия, интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия, сохтор ва ҳаҷми диссертатсия маълумот дода шудааст.

**Боби аввали рисола «Айнулқузоти Ҳамадонӣ ва мероси илмию адабии ӯ»** унвон дошта, аз 4 фасл иборат мебошад. Дар фасли якуми боби аввал зиндагинома ва рӯзгори Айнулқузоти Ҳамадонӣ ба риштаи таҳқиқ кашида шуда, диссертант бо такя ба тарҷумаҳои арабӣ ва форсии яке аз қадимтарин сарчашмаҳо ва осори худи муаллиф номи аслӣ, кунят, номи падар, лақаб, нисба, зодгоҳ, замони таваллуд ва шаҳодати ин суханвари орифро муайян карда, ақоиди мухталиф ва иштибоҳоти муҳаққиқони хориҷӣ ва ватаниро мавриди таҳлилу баррасӣ қарор додааст.

Диссертант дар ин фасл саъй кардааст, ки дар асоси ахбори сарчашмаҳо санаи таваллуди Айнулқузотро, ки миёни донишмандон ихтилофи назар мавҷуд буд, ба таври қотеъ соли 490ҳ.қ./1096м. муқаррар намояд. Дар мавриди соли вафоти адиб низ аз ҳамин равиши қиёсӣ кор

гирифта, санаи ба шаҳодат расидани Айнуқузотро 525ҳ.қ./1131м. муқаррар кардааст, ки дуруст мебошад. Дар натиҷаи ҷустуҷӯи пайгирона номи комили Айнулқузот чунин аст: Абулмаолӣ Абдуллоҳ ибни Муҳаммад ибни Алӣ ибни Ҳасан ибни Алии Миёнаҷӣ, маъруф ба «Айнулқузоти Ҳамадонӣ». Бино ба ахбори аксари манобеъ, номи аслиаш Абдуллоҳ, кунияташ Абулмаолӣ, номи падараш Абубакри Муҳаммад, лақабаш «Айнулқузот» аст. Дар «Номаҳо» ва «Тамҳидот» аз худ ба номи «Қозӣ» ва «Айнулқузот» ёд карда, дар ҳеч як осор номи аслии худро зикр накардааст. Нисбат ё нисбаи «Миёнаҷӣ» ба яке аз шаҳрҳои Озарбойҷон ишора мекунад, ки миёнаи Мароға ва Табрез воқеъ буд. Абулҳасан Алӣ ибни Ҳасан – бобои Айнулқузот, ки қозии Ҳамадон буд ва аз дасти ҳасудону душманон кушта шуд, дар ҳамон шаҳр мутаваллид шудааст. Писари ӯ, яъне падари Айнулқузот Абубакри Муҳаммад низ қозӣ будааст. Зодгоҳи Айнулқузот Ҳамадон аст ва дар ин хусус худ дар «Зубдат-ул-ҳақоиқ» ва «Шаква-л-ғариб» ёд кардааст. Номи маҳаллае, ки хонаи падариаш он ҷо буд ва айёми хуши кӯдакӣ ва наврасиаш дар он макон гузаштааст, «Мовашон» аст.

Яке аз мазоёи рисолаи мазкур дар он аст, ки муаллиф тавассути равиши таҳлилӣ-муқоисавӣ тавонистааст, сарчашмаҳо ва мулоҳизаҳои донишмандонро бо ҳам муқобала карда, хулосаҳои назарии худро барорад. Ин равиш дар саросари диссертатсия эҳсос мегардад, ки арзиши рисоларо боло бурдааст.

**Дар фасли дувуми боби якум, ки «Мероси илмӣ ва адабии Айнулқузоти Ҳамадонӣ. Осори мафқуди суханвар» ном дорад, дар бораи** осори илмию адабии суханвар, махсусан, осори гумшудаи Айнулқузот баҳс мекунад. Диссертант дар асоси таҳқиқоти дастрасе, ки роҷеъ ба осори Айнулқузот навишта шудааст, нуҳ асари Қозии Ҳамадониро, аз ҷумла **«Қиро ал-ъошӣ ило маърифат-ил-урони ва-л-аъошӣ», «Рисолаи Алоия»**, **«Ал-муфталазу мин-ат-тасриф»**, **«Амолӣ ал-иштийоқ фӣ лайолӣ ал-фироқ»**, **«Мунйат-ул-ҳайсуб»**, **«Ғоят-ул-баҳси ъан маън-ал-баъси»**, **«Савлат-ул-бозили-л-амуни ъало Ибн ал-Лабуни»**, **«Ал-мадхалу ила-л-арабиййати ва риёзати улумиҳа-л-адабиййати»**, **«Тафсиру ҳақоиқ-ал-Қуръон»**, ки ба забони арабӣ таълиф шудаанд, гумшуда медонад. Ба андешаи диссертант, ӯ аксари ин асарҳоро аз 20 то 24 солагияш эҷод кардааст. Диссертант саъй ба он дошта, ки дар асоси маълумоти дастрас мероси илмӣ ва адабии Айнулқузотро вобаста ба аҳаммияти онҳо мавриди таҳлил қарор диҳад, ки дар адабиётшиносии тоҷик як фасли тоза мебошад.

**Дар фасли савуми боби мазкур «Осори мавҷуди Айнулқузоти Ҳамадонӣ»** муаллиф ба таҳқику баррасии ҳафт асари мавҷуди суханвар пардохтааст. Мероси дастраси Айнулқузот, бино ба пажӯҳиши диссертант аз «**Назҳат-ул-ушшоқ ва наҳзат-ул-муштоқ**», «**Қасидае дар мадҳи Муҳаммад(с) ва хулафои рошидин**», **Зубдат-ул-ҳақоиқ**», «**Тамҳидот**», **«Шаква-л-ғарибі ъани-л-автони ило уламои-л-булдони»** (Шиквои як ғариб аз ватан ба уламои шаҳрҳо) ва **«Номаҳо»** иборат аст. Онро муаллиф ба ду бахш, осори манзум ва мансур ҷудо карда, муҳимтар аз ҳама дар хусуси сохт, мавзуъву мундариҷа, арзиши адабӣ, матншиносӣ, сабк, шеваи нигориш ва мухтассоти осори насрӣ, бавижа «**Зубдат-ул-ҳақоиқ**», «**Тамҳидот**», **«Шаква-л-ғариби ъани-л-автони ило уламои-л-булдони»** ва **«Номаҳо» ва** арзиши адабию матншиносии девони ӯ бо номи "**Назҳат-ул-ушшоқ ва наҳзат-ул-муштоқ»** мулоҳизаҳои пурқимати илмӣ ба миён гузошта, муҳимтар аз ҳама ба ҳаллу фасли онҳо тавфиқ ёфтааст.

Диссертант ба ин бовар аст, ки **«Рисолаи Ҷамолӣ»** асари дигари мавҷуди Айнулқузоти Ҳамадонист, ки ба забони форсӣ-тоҷикӣ таълиф шудааст. Ин рисола ба подшоҳзода Ҷамолуддин Шарафуддавла бахшида шуда, матни комили он дар поёни ҷилди дувуми «Номаҳо»-и Айнулқузот омадааст.

Зоиров Ҳ. З. **дар фасли чоруми боби аввали рисола, ки зери унвони «Осори мансуб ба Айнулқузоти Ҳамадонӣ» омадааст**, оид ба масъалаҳои матншиносӣ, мансубияти осор, муаллифони аслии осори мансуб ба Айнулқузот, сохт ва мавзуи баҳси онҳо, сабаби интисоб ва фарқи сабку услуби нигориши онҳо аз осори аслии Қозии Ҳамадонӣ баҳс оростааст. Маъруфтарин осори мансуб ба Айнулқузоти Ҳамадонӣ рисолаҳои «Лавоеҳ», «Яздоншинохт», «Шарҳи калимоти қисори Боботоҳир», «Ғоят-ул-имкони фӣ дироят-ил-макони», «Мадор-ул-уюби фӣ-т-тасаввуфи», «Ар-рисолат-ул-яминия» мебошанд, ки дар ин фасл диссертант ба тафсил перомуни муаллифони аслӣ ва сабаби интисоби онҳо ба Айнулқузоти Ҳамадонӣ баҳс мекунад. Аз хулосаҳои илмии ин фасл муаллиф ба ин натиҷа мерасад, ки соҳиби аслии рисолаи «Лавоеҳ» Ҳамидуддин Муҳаммад ибни Атоуллоҳи Ногаврӣ, яке аз сӯфиёни қарни XIII буда, интисоби он ба Абдулмалики Вирконӣ ва Айнулқузоти Ҳамадонӣ дуруст нест. Рисолаи «Яздоншинохт» аз ҷумлаи осори мансуб ба Айнулқузот буда, бино ба навиштаи диссертант, сабк ва услуби он аз сабк ва шеваи нигориши осори форсии Айнулқузот, яъне «Номаҳо» ва «Тамҳидот» куллан фарқ дорад. «Шарҳи калимоти қисори Боботоҳир»-ро диссертант аз осори мансуб ба Айнулқузоти Ҳамадонӣ дониста, ҳадс мезанад, ки он нигоштаи муаллифест

аз пайравони мактаби Муҳйиддин ибни Арабӣ ва эҳтимол дорад он пас аз асри XIII таълиф шудааст. «Ғоят-ул-имкони фӣ дироят-ил-макон» низ ба ин бахш тааллуқ дошта, зоҳиран мусаннифи он Маҳмуди Ушнавӣ (қ. XII-XIII) мебошад.

Чунин тарзи масъалагузориҳои илмӣ аз ҳар ҷиҳат кори ӯро имтиёз бахшида, арзиши рисолаи ӯро баланд мебардорад.

**Боби дувуми диссертатсия «Таърихи татаввур ва мухтассоти тарассул ва номаҳои форсӣ-тоҷикӣ то замони Айнулқузоти Ҳамадонӣ»** ном дошта, шомили 4 фасл ва 3 зерфасл мебошад. **Дар фасли якуми боби дувум**, ки **«Пайдоиши хат ва оғози номанигорӣ то давраи Сосониён»** унвон дорад, муаллифи диссертатсия дар бораи пайдоиши хат ва анвои он, мароҳили такомул ва татаввури хутути олам, хатҳои қадими форсӣ, муқаддам бар ҳама осори катбӣ, ҳатто қабл аз сангнабиштаҳо ва соири катибаҳо будани пайдоиши номанигорӣ, номаҳои ихвонӣ будани нахустин мактубҳои инсони қадим ва бисёр содаю кӯтоҳ, холӣ аз ҳар гуна ҳунари нависандагӣ ва дархури фаҳми мухотаб будани он номаҳо баҳс намудааст.

**Фасли дувуми боби мазкур «Оини тарассул ва муншаотнависӣ дар аҳди Сосониён»** аз 3 зерфасл: **«Анвои номаҳо ва одоби нигориши онҳо»**, **«Мухтассоти номаҳои аҳди Сосониён»** ва **“Осори марбут ба оини нигориш ва номанависӣ”** иборат буда, диссертант масъалаҳои дар хусуси ойини номанигории аҳди сосонӣ риояти расм ва одоби номанигорӣ аз ҷониби дабирони девон, саҳми муаддибон дар тарбияти дабирони девон, аҳаммияти фарҳангномаҳои хос дар омӯзиши ҳунари дабирӣ, аз табақоти мумтоз ва яке аз аркони муҳимми давлат ба шумор рафтани дабирони девон, расму одоб, аркон, сабк ва услуби махсуси нигориши **маношир, фатҳнома, аҳднома, савгандномa, васиятнома, султониёт, ихвониёт, тавқеот ва таслиятнома** (сӯгнома), сарчашмаҳои қадими арабӣ ва форсӣ доир ба шеваи нигориш ва оростагии зоҳири номаҳои тоисломӣ, таваҷҷуҳи махсуси дабирони девон ба зебоии хат, зарофати коғаз ва мураккаб, истифодаи хушбӯиҳои хос дар номаҳо, диққати махсуси дабирон ба баёни маънӣ ва балоғату фасоҳати калом, ба сабку услуб ва насри махсус навишта шудани номаҳои девонӣ, овардани дебочаи балеғ дар номаҳо, оростагӣ ва ҳунарӣ будани насри номаҳо, риояти дараҷа ва мақом дар номаҳо, мавҷудияти аркони мухталиф, алқоб ва аҳовину нуут дар номаҳо, фарқи номаҳои девонӣ ва ихвонӣ, корбурди таъбироти махсус дар номаҳои девонӣ ба тафсил ва пайгирона ба силки таҳқиқ кашидааст, ки ин ҳама аз огоҳии комили ӯ ва ворид будан ба моҳияти масъала дарак медиҳад.

**Дар фасли севуми боби дувум**, ки бо унвони **«Одоби нигориш ва расми номанигорӣ аз оғози давраи исломӣ то замони Сомониён» омадааст, диссертант дар бораи таҳаввулу татаввури ойини номанигорӣ дар хилофати уммавиёну аббосиён мулоҳизаронӣ ронда, ба ин бовар аст, ки** "ба тақлид аз оини шаҳриёрони тоисломии Эрон бисёре аз корҳои кишвар, махсусан дастгоҳи девонӣ ба дасти эрониён афтод. Нависандагони эронитабор на танҳо дар шеъру насри одӣ, балки дар насри адабии арабӣ низ саромад гаштанд" (рисола, с. 139). Дар рушди тарассулоту муншаоти девонӣ саҳми намояндагони ниёгони донишманди мо Абулалои Солим, Ҷабала ибни Солим ибни Абдулазиз, Абдулҳамид ибни Яҳё ва Ибни Муқаффаъ ниҳоят зиёд аст. Аз миёни онҳо Ибни Муқаффаъ ва Абдулҳамиди Котиб машҳуранд. Сабку равиши онҳо ба шеваи иҷоз буд, вале каме баъдтар ба василаи Абулфазл Муҳаммад ибни Ҳусайн, маъруф ба Ибни Амид тариқи номанигорӣ ба итноб ворид шуда, матну батни номаҳоро бештар тасаннуъ ва такаллуф фаро мегирифт. Зимнан, дар ин фасл диссертант оид ба рушди ойини номанигорӣ дар замони ҳукумати Тоҳириён, Саффориён ва Сомониён пардохта, мулоҳизаҳои арзишмандро баён медорад ва ба ин натиҷа мерасад: "Дар эҳё ва рушди номанигории форсӣ хидмати Сомониён беш аз салотини дигар аст, зеро маҳз бо кӯшиш ва талаби онҳо дигарбора набиштани номаҳои форсӣ расм шуд ва, ба гумони наздик ба яқин, дар ин давр байни оммаи мардум ва гоҳе байни умаро, ҳукком ва фузалои эронӣ низ номаҳо (ихвониёт) ба забони форсӣ менигоштанд" (рисола, с. 145).

Дар фасли **чоруми боби дувум «Оини тарассул ва муншаотнависӣ аз аҳди Оли Бӯя ва Оли Зиёр то замони Салҷуқиён ва Хоразмшоҳиён»** оид ба расму оин, забон ва шеваи нигориши номаҳо дар давраи Оли Бӯя ва Оли Зиёр, Ғазнавиён, Салҷуқиён ва Хоразмшоҳиён ва дабирони номии аҳди мазкур ба баҳс пардохта, доманаи мавзуи пешинро пайгирӣ карда ва афзун ба ин идома додааст.

Нуктаи умдаи ин фасл дар он аст, ки муаллиф давраи муншаотнависӣ, тараққӣ ва ривоҷи фанни номанигориро дар давраи **Салҷуқиён** ва **Хоразмшоҳиён мавриди баррасӣ қарор дода, ойини номанигории ин давронро ба се бахш ҷудо кардааст, ки чи аз лиҳози таснифоти адабӣ (сохтори нома ва муҳтавиёти он-У.Ю.) ва чи аз лиҳози таъсирпазирӣ аз хилофат муҳим мебошад: 1) муншаоте, ки марбут ба оини дабирӣ ва номанигорӣ баҳс мекунанд**, ба монанди «Чаҳор мақола»-и Низомии Арӯзӣ ва «Дастури дабирӣ»-и Муинуддин Муҳаммад ибни Абдулхолиқи Майҳанӣ (ё Меҳанӣ); **2) Муншаоти девонӣ ва дарборӣ,**

монанди «Атабат-ул-катаба»-и Мунтаҷибуддини Бадеъ, «Ароис-ул-хавотир ва нафоис-ун-наводир» ва «Абкор-ул-афкор фӣ расоил-ил-ашъор»-и Рашидуддини Ватвот ва «Ат-тавассул ила-т-тарассул»-и Баҳоуддини Бағдодӣ; **3) Муншаоти ғайридевонӣ**, ба монанди «Макотиб»-и Саноии Ғазнавӣ, «Номаҳои форсӣ»-и Аҳмади Ғаззолӣ, «Номаҳо»-и Айнулқузоти Ҳамадонӣ, «Муншаот»-и Хоқонии Шарвонӣ, «Номаҳо»-и Маҷдуддини Бағдодӣ ва ғ. Номаҳои ин давр монанди мактуботи адвори пешин одатан аз се рукн иборат буданд: **муқаддима, рукни асосӣ** ва **хотима**. Фарқ дар он буд, ки худи **муқаддима** ё унвон, дар навбати худ, аз се қисмат иборат буд: **а) хитоб**, ки, одатан, қабл аз алқоби мухотаб ба таври муболиғаомез навишта мешуд. Хитобҳо ду гуна мешуданд: расмии девонӣ ва ғайрирасмӣ ё умумӣ, афзун ба ин хитобҳои аслӣ ва фаръӣ, монанди «султони аъзам», «худованди ҷаҳон» ва ғ.; **б) лақаб**, ки бештар ба забони тозӣ навишта мешуд ва алқоби подшоҳону вазирон, амирону қозиён, машоихи рӯзгор ва ғ. аз ҳам фарқ мекарданд ва дабирони девонро лозим буд, ки ҳини нигориши номаҳо онро риоя намоянд, монанди муиз-уд-дунё ва-д-дин, носир-уд-дунё ва-д-дин (хоси подшоҳон), амид-ул-мулк, низом-ул-мулк (хоси вазирон) ва ғ.; **в) дуо**, ки охирин қисмати муқаддимаи номаҳо буд. Дуоҳо низ бештар ба забони арабӣ ва гоҳе ба забони форсӣ ва гоҳе омехта иншо мешуданд ва барои ҳар яке аз мансабҳо ва мартабаҳо дуоҳои хос буданд. Дабиронро мебоист, ки дар **рукни аслӣ** ё мақсуд низ ҳунари нависандагии худро намоиш диҳанд ва расму оини номанигориро риоят намоянд. Қисмати охири номаҳо, ки «**хотима**» гӯянд, фарогири орзу ва дуо буд. Баъд аз баёни орзу, одатан, «иншоаллоҳ» ва «Аллоҳу валий-ут-тавфиқ» менавиштанд ва сипас «вассалом» мегуфтанд.

**Баҳси боби сеюми рисола «Вижагиҳои адабиву услубии «Номаҳо»-и Айнулқузоти Ҳамадонӣ»** буда, масъалаҳои вижагиҳои адабию услубӣ ва мухтассоти насри «Номаҳо»-и Айнулқузоти Ҳамадонӣ, фарқи сохт, мавзуъ ва шеваи нигориши «Номаҳо» аз муншаоти девонӣ ва ихвонии қарнҳои қаблӣ ва аҳди худ мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд. Диссертант дар ф**асли якуми боби сеюм «Суннати дабирӣ ва услуби нигориши номаҳои Айнулқузоти Ҳамадонӣ» дар** перомуни сабк, усули номанигорӣ ва мавзуоти номаҳои Айнулқузоти Ҳамадонӣ ва фарқи онҳо аз расму одоб ва ойини нигориши номаҳои қарнҳои қаблӣ ва аҳди худ мулоҳизаронӣ мекунад. Муаллиф дар натиҷаи ҷустуҷӯҳои пайгирона ба ин хулоса мерасад, ки: "...шеваи нигориши номаҳои Айнулқузоти Ҳамадонӣ аз расму одоби номанигории аҳди худ фарқ мекунанд, мавзуоти номаҳояш низ гуногун, пур аз оёти Қуръон, розу рамзи ирфонӣ

ва баёни мароҳили сулук аст. Бино ба қавли Р. Фарманиш «макотиби ҳеч як аз урафо на аз лиҳози мутазаммин будани аҳволи тариқат ва сулук ва на аз лиҳози чошнии завқ ба пойи мактуботи Айнулқузот намерасанд». Дар «Номаҳо»-и Айнулқузот асаре аз тасаннуот ва такаллуфот, ки хоси дабирони замонаш буд, ба назар намерасад. Айнулқузоти Ҳамадонӣ дар осори арабӣ то андозае аз сабк ва шеваи баёни Муҳаммади Ғаззолӣ ва дар мусаннафоти форсӣ-тоҷикӣ то андозае аз сабк ва шеваи баёни Аҳмади Ғазззолӣ пайравӣ намудааст, ки ҳангоми омӯзиши муқоисавии осори онҳо метавон ба он пай бурд. Дар баробари ин, сабк ва шеваи нигориши Айнулқузот ба осори суханварони орифи баъдӣ низ бетаъсир намондааст, ки асари онро мо дар осори мансури Мавлонои Балхӣ, махсусан «Фиҳи ва фиҳи» ва «Мирсод-ул-ибод»-и Наҷмуддини Розӣ метавонем мушоҳида намоем".

Чунонки аз таҳқиқи диссертант бармеояд, Айнулқузот номаҳои хешро пинҳонӣ пахш мекард ва сабаби ин амр дар он буд, ки дар бахши аъзами номаҳо номи мухотаб ва ҳам номи хешро ошкоро ба расми номанигорони дигар сабт намекард. Бад-ин далел, ки номаҳояш рӯйнавис шуда, ба дасти муридону мухлисонаш мерасанд, ба сухани дигар ҷанбаи ҳамагонӣ доштанд, номи ҳеч яке аз муридонро дар оғози аксари номаҳояш ҳамчун мухотаб зикр намекард, аммо дар байни макотибаш номаҳое низ ҷой доранд, ки ба шахсони алоҳида навишта шудаанд ва дар оғози номаҳо исми онҳо ҳамчун мактубунилайҳ оварда шудаанд ва шоҳиди ин ҳарф мактубҳое мебошанд, ки ба Имом Саъдуддини Бағдодӣ, Хоҷа Имом Иззуддин, Имом Зиёуддин ва Хоҷа Комилуддавла навиштааст.

Фарқи номаҳои Айнулқузот аз ҳамзамононаш дар он аст, ки аксар дар баён ва шарҳу тафсири мавзуи алоҳида баҳс мекунанд, монанди шарҳу баёни «ният», «намоз», «Аллоҳу акбар», «фотиҳат-ул-китоб», муҳаббат ба Қуръон ва Офаридгор, муҳаббат ба расул (с) ва ёрону саҳобагон, зарурати пир ва муроду муршид, одоби муридӣ, ситоиши Иблис, даъват ба ахлоқи ҳамида, эҳсон ва закоту садақа додан, шарҳу баёни тасаввуф ва истилоҳоти хоси сӯфия, роҳи сулук ва тариқи расидан ба Ҳақ ва ғ . Чунин равиш дар ойини номанигории ҳамзамонони ӯ камтар ба назар мерасанд.

**«Забон ва шеваи баёни номаҳои Айнулқузот»** ба фасли дигари рисола дахл дошта, дар он масъалаҳои мухтассоти наср, вижагиҳои забон ва услуби баёни номаҳои Айнулқузот таҳқиқ шудааст. Равиши номанигории Айнулқузоти Ҳамадонӣ дар пайравии равиши номанивисӣ дар асри XII сурат гирифта, онҳо бо калимаву ибороти арабӣ, оёти Қуръону аҳодиси

набавӣ, ашъори форсиву арабӣ, таронаҳои халқӣ, зарбулмасалу мақолҳои форсиву арабӣ, ақволи бузургони дину ирфон мамлӯстанд. Гоҳе лаҳни номаҳо гуворою ширинанд, гоҳе дигар дар онҳо эҳсоси нависанда ба мушоҳида расида, лаҳни тундтаре доранд.

Диссертант дар фасли минбаъда оид ба **корбурди вожаю ибороти арабӣ, истилоҳоти ирфонӣ, оёти Қуръон ва ҳуруфи муқаттаа дар «Номаҳо»-и Айнулқузоти Ҳамадонӣ мулоҳизаҳои ҷолиб баён дошта, баъзе андешаҳои ӯро дар мавриди шарҳу тавзеҳи истилоҳот ва омӯзаҳои ирфонӣ, ки дар замони Айнулқузот мутадовил буданд, меорад.**

**Дар фасли сеюми боби савум** оид ба **касрати корбурди вожаю ибороти арабӣ, истилоҳоти ирфонӣ, оёти Қуръон ва ҳуруфи муқаттаа дар «Номаҳо»-и Айнулқузоти Ҳамадонӣ** баҳс мекунад. Ин ҷо таъкид шудааст, ки Айнулқузоти Ҳамадонӣ дар баробари корбурди зиёди оёту аҳодис чунон ба шарҳу тавзеҳи ирфонии онҳо мепардозад, ки дар сарчашмаҳои дигар ба ин миқдор наметавон пайдо кард. Аз ҷумла, истилоҳоти «кофу нун», «тавҳид», «иттиҳод», «ваҳдоният», «шавқ», «эсор», «басту қабз», «имон», «илмуляқин», «айнуляқин», «ҳаққуляқин», «ваҳдати вуҷуд», «ҳаром», «воҷиб», «табзир», «бухл», «саховат», «ҳаҷ», «савм» шарҳу баст шудаанд, ки ғолибан дар фарҳангномаҳои истилоҳоти ирфону тасаввуф ба назар намерасанд ва, муҳимтар аз ҳама, аз минҳайси маънӣ фарқ дорад. Чунин равиши таҳқиқ дар кушудани розу рамзи масъалаҳои илмӣ зарур аст ва ба андешаи ман сирри муваффақияти диссертант низ дар ҳамин зоҳир мегардад, ки кунҳи масъаларо дарку фаҳм кардааст.

**Ваҷҳи тасмияи фасли чоруми боби севум «Аҳаммияти адабӣ ва вижагиҳои «Номаҳо»-и Айнулқузоти Ҳамадонӣ»** мебошад. Ба андешаи муаллиф, аҳаммияти адабии номаҳои Айнулқузот чунин аст:

1) Зимни баёни мулоҳизоти худ дар мавориди хеш аз абёти форсӣ ва арабӣ истифода мекунад, ки арзиши сухани ӯро боло мебарад.

2) Дар номаҳои худ ахлоқро тарғиб мекунад ва ба ин васила мехоҳад абнои башар дорои ахлоқи ҳамида бошанд. Аз ҷумла, устоду муаллим ва пиру муршидро сабаби камоли шогирд ва мурид медонад. Ба пиндори ӯ, муршид ба оҳистагӣ муридро аз асрори сулук бояд огоҳ созад, на ба якборагӣ, дар акси ҳол муриду шогирд аз ин роҳ берун шаванд ва рӯй битобанд.

3) Дар як бахши номаҳои Айнулқузот аз Иблис дифоъ шудааст, ки ин масъала дар навиштаҳои ӯ аз ду поя об мехӯранд: чеҳраи аслӣ ва мояи ирфонӣ. Қабл аз Айнулқузоти Ҳамадонӣ низ бисёре аз суханварон ҳикоят аз Иблис ё дифоъ аз Иблис намудаанд. Аксари урафо дар осори худ аз моҷарое нақл кардаанд, ки дар Қуръони карим ва аҳодиси расул (с)

омадааст ва мурод аз нақли он огоҳ намудани фарзандони Одам аз макру фиреби шайтон аст ва ҷанбаи ахлоқӣ дорад. Аммо баъзе аз урафо фармони саҷда ба Одам (а)-ро аз ҷониби Худованд озмоише беш намедонанд ва ин гурӯҳ дар адабиёти тасаввуф ҳамчун ҳомиёни Иблис шинохта шудаанд. Муаллиф дар ин фасл кӯшиш кардааст, ки бунмояҳои таълимоти фарҳанги исломиро, ки ба тарбияи инсони некахлоқ нигаронида шудааст, нишон диҳад. Арзёбии номаҳои Айнулқузот аз ин зовия аҳаммияти навиштаҳои ӯро бештар ҷилвагар месозад.

4) Моҳияти як бахши аъзами номаҳои Айнулқузотро ишқ ифода мекунад. Ӯ зимни ибрози мулоҳизоти хеш ва хусусан такмилу тақвияти ақоиди ирфонии худ аз достонҳои «Лайлӣ ва Маҷнун», «Юсуф ва Зулайхо» шоҳид меорад ва ба ин васила мехоҳад муридонаш аз моҳияти чи ишқи илоҳӣ ва чи ишқи заминӣ огоҳ шаванд. Айнулқузоти Ҳамадонӣ дар номаҳои хеш ба касрат аз ишқи ирфонӣ ва тариқи расидан ба маъшуқи ҳақиқӣ сухан карда, аз ҷумла мегӯяд: «Дар ишқ ҷафо бибояд ва вафо бибояд, то ошиқ пухтаи қаҳру лутфи маъшуқ гардад, вагарна хом бувад ва аз ӯ чизе нахезад. Агар дашноми дӯст беҳ аз офарини дигарон надонӣ, ҳанӯз аз роҳи ишқ бехабарӣ».

Дар фасли дигар, ки ҷолиб мебошад, муаллиф **корбурди зарбулмасалу мақол ва санъатҳои бадеии «Номаҳо»-и Айнулқузоти Ҳамадониро** таҳқиқу баррасӣ кардааст. Ӯ ба ин натиҷа мерасад, ки дар номаҳои Айнулқуззот бештар **тазод ва муқобала, тавсиф, истиора, муболиға, саволу ҷавоб, талмеҳ, ташхис, ирсоли масал, таҷнис, саҷъ, муламмаъ истифода шуда, номаҳои ӯро аз ҳайси балоғат рангин кардаанд.**

**Боби чоруми диссертатсия «Номаҳо»-и Айнулқузоти Ҳамадонӣ ҳамчун сарчашмаи адабӣ ва матншиносӣ»** ном дошта, дар хусуси нусхаҳои хаттии «Номаҳо»-и Айнулқузот, нашрҳои интиқодии он, аҳаммияти «Номаҳо»-и адиб ҳамчун сарчашмаи адабӣ, ашъори Айнулқузот дар «Номаҳо», авроман ва фаҳлавиёт дар «Номаҳо», атрибутсия – мансубияти ашъори истишҳодӣ, тасҳеҳ ва таъйини муаллифи мисраъҳои арабии «Номаҳо», тасҳеҳ ва таъйини муаллифи мисраъҳои арабии «Номаҳо», аҳаммияти «Номаҳо» дар тасҳеҳ ва маърифати ашъори суханварони қарнҳои IX-XII, аз ҷумла дар тасҳеҳи ашъори устод Рӯдакӣ, Абулқосими Фирдавсӣ ва Саноии Ғазнавӣ баҳс мекунад.

Диссертант дар ҳар кадоми ин фаслҳо бо масъалагузориҳои нав дар ойини номанигорӣ, хусусан "Номаҳо"-и Айнулқузот мулоҳизарониҳои илмӣ баён доштааст, ки ба зикри ду нукта иктифо мекунем. Аз ҷумла, муаллифи рисола сайъ кардааст, ки аз хилоли номаҳои адиб намунаҳои

ашъорашро ҷудо намуда, ӯро ҳамчун шоири тавонои замони худ ба хонанда муаррифӣ намояд. Намунае аз ашъори Айнулқузот ин аст: «Маро аст ин ду байт:

Як рӯз гузар кардам дар кӯйи ту ман,
Ногоҳ шудам шефтаи рӯйи ту ман.
Бинвоз маро, ки аз пайи бӯйи ту ман
Мондам шабу рӯз дар такопӯйи ту ман».

**Нуктаи дувум ин аст, ки Айнулқузот ба ашъори устод Рӯдакӣ низ дилбастагии зиёд дошта, дар "Номаҳо"-и худ аз ӯ ду пора шеърашро шоҳид овардааст, ки як мисраи онро тасҳеҳ кардааст.** Аз ҷумла, зайли номаи 77-ум, ки сухан аз асрори ишқ ва русуму одоби ошиқони роҳи Илоҳ меравад, дар хусуси пеши номаҳрамон номи маъшуқи худ пӯшида доштани ошиқ ёд намуда, барои тақвияти сухан абёти зайли устод Рӯдакиро бидуни зикри муаллиф овардааст:

Кӯшам, ки бипӯшам, санамо, номи ту аз халқ,
То номи ту кам дар даҳани анҷуман ояд.
**Ҳар гаҳ, ки сухан гӯям, агар хоҳаму гар не,**
Аввалсуханам номи ту андар даҳан ояд.

Абёти мазкур дар нашри С. Нафисӣ зайли ғазали «Ҳар бод, ки аз сӯи Бухоро ба ман ояд» бо андаке тағйир (**Бо ҳар кӣ сухан гӯям, агар хоҳаму гар не**) омадаанд. Лозим ба зикр аст, ки «Номаҳо»-и Айнулқузот дар қатори китобҳои «Асрор-ут-тавҳид»-и Муҳаммади Мунаввар ва «Кашф-ул-асрор»-и Майбудӣ яке аз сарчашмаҳои куҳани ашъори устод Рӯдакӣ аст, ки абёти ҷудогонаи Одамушшуаро ва даҳҳо суханварони дигарро бидуни зикри муаллиф барои тақвияти фикр овардаанд, вале аз чӣ сабаб бошад, ки ҳангоми таҳияи девони устод Рӯдакӣ аз назари С. Нафисӣ дур мондааст.

Дар диссертатсияи тақризшаванда дар баробари дастоварду муваффақиятҳои илмӣ баъзе нуктаҳои баҳсталаб ва камбудҳои ҷузъӣ низ ба назар мерасанд, ки ислоҳи онҳо боиси боз ҳам боло рафтани ҳусни илмии рисола хоҳад гардид. Аз ҷумла:

1. Диссертант "Қасидае дар мадҳи Муҳаммад ва хулафои рошидин"-ро дар фасли севуми боби аввал зимни баррасии осори мавҷуди Айнулқузоти Ҳамадонӣ ҳамчун асари алоҳида баррасӣ кардааст, ки иштибоҳ мебошад. Ба занни қавӣ, он аз таркиби девони шоир "Назҳату-л-ушшоқ ва наҳзату-л-муштоқ" берун монда ва шояд дар авохири умраш суруда бошад, ки дар маҷмуъ 70 байтро ташкил дода, дар ҳоли ҳозир аз он се байт боқӣ мондааст. Вале ин маънои онро надорад, ки онро ҳамчун

асари алоҳидаи шоир муаррифӣ карда шавад. Бар ин мабнӣ, боястӣ он дар зимни девони шоир баррасӣ мешуд, беҳтар будӣ.

2. Муаллифи рисола онҷо, ки дар боби мероси илмӣ ва адабии Айнулқузот сухан меронад, сохтори онро ба осори мафқуд, мавҷуд ва мансуб бахш кардааст. Бино ба ин, мо пешниҳод менамоем, ки ҷойҳои онҳо иваз шуда, нахуст осори дастраси адиб, сипас осори мансуб ва ниҳоят асарҳои гумшудаи Айнулқузот гузошта шаванд, то тартибу таснифи илмии онҳо, чунонки дар ағлаби рисолаҳои илмӣ ба мушоҳида мерасад, риоят гардад.

3. Гоҳе дар рисола ҷумлаҳое ба назар мерасанд, ки нотамоманд. Барои намуна: "Эҳтимол дорад, ки номаҳои ихвонии ин давр ба забони форсӣ бошад, зеро дар номаҳои ихвонӣ маҳдудиятҳои сиёсии номаҳои дарборӣ набуд ва, аз сӯи дигар, аксари мардуми берун ащ дарбор забони тозӣ намедонистанд" (рисола с. 143, авт., с. 22). Бояд ин ҷумла "як сӯ"-и дигар дошта бошад, то фикр пурра адо шавад.

4. Забони рисола, бидуни шубҳа илмист, вале корбурди калимоту мусталаҳоти арабӣ ниҳоят фаровон аст. Ҳадаф аз таълифи ҳама гуна асар, чи адабӣ ва чи илмӣ, барои мардум аст. Бино ба ин, пешниҳод менамоем, ки забони рисола нисбатан сода гардад.

5. Дар радифи санаҳои ҳиҷрии 490ҳ., 492ҳ., 525ҳ. нахуст зикри қамарӣ зарур аст, зеро он солшумории ҳиҷрии қамарӣ аст ва ҳамзамон муаллиф боястӣ баробари мелодии онҳоро сабт мекард.

6. Навиштани ному насаби донишмандони эрониву тоҷикӣ ба гунаи А. Баҳманёр, М. Баҳор, Ҳ. Баннопур, Р. Фарманиш, А. Зарринкӯб, М. Донишпажӯҳ, Қ. Ансорӣ, Н. М. Ҳиравӣ, Ҳ. Довудӣ ва амсоли ин, ки дар саҳафоти зиёди рисола ба назар мерасад, дуруст нест. Бояд номи комили онҳоро навишт, то хонанда онҳоро шиносад.

7. Дар чанд маврид насаби донишманди эронӣ Қ. Туйсарконӣ навишта шуда, ки иштибоҳ мебошад, гунаи дурусти он Қосими Туйсирконӣ аст.

8. Гоҳе дар рисола ва автореферати он иштибоҳоти техникӣ низ ба назар мерасанд: Абулало = Абулъало (с. 21), навгонӣ (с. 9) гунаи дурусташ навоварӣ аст, тоърихе (с. 21), Никулсун (с. 29) ва амсоли ин.

Бояд гуфт, ки нуқсонҳои мавҷуда ба ҳеч ваҷҳ арзиши илмии диссертатсияро кам карда наметавонанд, зеро муаллифи он вазифаҳои дар назди худ гузоштаро ба таври мудаллал ва илмӣ ба иҷро расонидааст. Бинобар ин, диссертатсияи илмии **Зоиров Ҳалимҷон Зоҳидҷонович дар мавзуи «Айнулқузоти Ҳамадонӣ ва ҷойгоҳи "Номаҳо"-и ӯ дар насри форсу тоҷики асри XII» (таҳқиқи вижагиҳои адабиву услубӣ,**

**матншиносӣ ва нусхашиносӣ)** таҳқиқоти ҷомеъ, консептулӣ ва комилан анҷомёфта буда, дар сатҳи матлуби илмӣ навишта шудааст.

Автореферати диссертатсия ва матолиби интишорнамудаи муаллиф, ки бисту чор адади он дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти ҶТ ба табъ расидаанд, асоси мундариҷаи диссертатсияро инъикос мекунанд. Диссертатсия бо муҳиммият, навовариҳои илмӣ ва арзиши назариву амалиаш ба талаботи КОА-и назди Президенти ҶТ мувофиқ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.00 – Адабиётшиносӣ (10.01.08 – Назарияи адабиёт. Матншиносӣ, нусхашиносӣ) ҷавобгӯст.

**Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ.**

Диссертатсияи Зоиров Ҳалимҷон Зоҳидҷонович дар мавзуи «Айнулқузоти Ҳамадонӣ ва ҷойгоҳи “Номаҳо”-и ӯ дар насри форсу тоҷики асри XII» (таҳқиқи вижагиҳои адабиву услубӣ, матншиносӣ ва нусхашиносӣ), ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.00 – Адабиётшиносӣ (10.01.08 – Назарияи адабиёт. Матншиносӣ, нусхашиносӣ), ба талаботи бандҳои 31-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-июни соли 2021, таҳти рақами №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.00 – Адабиётшиносӣ (10.01.08 – Назарияи адабиёт. Матншиносӣ, нусхашиносӣ) сазовор мебошад.

Тақриз дар ҷаласаи шуъбаи таърихи адабиёти Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ аз 26 апрели соли 2024, суратҷаласаи № 10 баррасӣ ва тасдиқ гардид.

Дар ҷаласаи муштараки шуъбаҳои таърихи адабиёт ва адабиёти муосир иштирок дошт: 12 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ:
«тарафдор» –12, «зид» – нест, «бетараф» – нест.

**Раиси ҷаласа:**
доктори илмҳои филологӣ, сарходими илмии
шуъбаи адабиёти муосири Институти забон
ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ Мурувватиён Ҷамила

**Эксперт:**
доктори илми филология, мудири шуъбаи таърихи
адабиёти Институти забон ва адабиёти
ба номи Рӯдакии АМИТ Юсуфов Умриддин

**Котиби илмии ҷаласа:**
номзади илми филология, ходими калони

шуъбаи таърихи адабиёти Институти забон
ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ Давлатова Холида

**Имзоҳои д.и.ф. Мурувватиён Ҷ., д.и.ф. Юсуфов У. ва н.и.ф. Давлатова Х.-ро тасдиқ мекунам:**

Нозири шуъбаи кадрҳои Институти
забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии
АМИТ Нарзиқулова Ҳилола


**Суроғаи муассисаи пешбар:**
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 21.
Тел.: +992 (37) 227-29-07, +992 (37) 221-70-30.
E-mail: iza.rudaki@gmail.com
Сомонаи расмӣ: www.izar.tj

“29” апрели соли 2023